Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст
(Душанбе, 2023. – 28 сах).

Давлати демократию ҳуқуқбунёдро бе назардошти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо ҳар як давлати ҷаҳон, ки худро расман демократию ҳуқуқбунёд эълон кардааст, нисбат ба масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд ба масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин самт чорахои мушаххасро роҳандозӣ намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста қайд менамоянд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳкими масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Бояд тазаккур дод, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷузъи таркибии қонунгузории кишварро ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама, дар моддаи 34 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд

гардидааст: “Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд”. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, яке аз самтҳои афзалиятноки кишвар маҳсуб ёфта, тавассути қонунгузории соҳаҳои мухталифи ҳуқуқӣ дар кишвар ба роҳ монда мешавад. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои умумӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро бо авлавияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои қонунгузориҳои миллӣ муайян намудааст, ки он имкони ба таври пурра дар дохили кишвар татбиқ шудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро фароҳам месозад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули санаду қарорҳои дахлдор пайваста барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, мақоми ҳуқуқӣ, беҳтарсозии дастрасии кӯдакон ба таҳсил тадбирҳои заруриро меандешад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ гашта истодаанд, ки дар онҳо кӯдак ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф шудааст. Дар маҷмӯъ, тамоми ин санадҳо ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва таъмини манфиатҳои он нигаронида шудаанд. Ҳифзу ҳимоя ва кафолатҳои ҳуқуқии кӯдак на танҳо ҳаққи падару модар, ҷомеа ва давлат, балки вазифаву ухдадории муштараки онҳо ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ҷой дода, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бе шубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои

илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳамияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 13 мақола, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда паҳлӯҳои гуногуни масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷ. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Таҳқиқбаранда дар тавсияи назариявии панҷум пешниҳод кардааст, ки мутобиқи боби дуюми Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд яксон шуморида мешаванд, ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ, моддӣ ва мурофиавӣ кӯдак субъекти махсус ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таъин ва танзими ҳуқуқи кӯдак истифодаи механизми махсуси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар қ. 1 ва 2, м. 34 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат ба таври умумӣ сухан меравад. Аз ин рӯ, зарурати он вуҷуд дорад, ки вазъи махсуси

кӯдак дар сатҳи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас пешбинӣ гардад. пешниҳод карда мешавад, ки асоси қонунгузории ҳифзи ҳуқуқи кӯдак такмилу мушаххас гардад. (саҳ. 10-11). Аз ин ру, аз таҳқиқбаранда мехостам, пурсон шавам, ки кадом самтҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак бояд такмил ва мушаххас карда шавад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмӯъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:

сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бухориева С.М.

Имзои Бухориева С.М-ро тасдиқ мекунам:
«11» 03 2023 с.

Суроғa:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Академик Раҷабовҳо, 3
734013
email:ittiloot@comwom.tj